# БОЗОРИ ЗАХИРАҲОИ ИТТИЛООТИИ ИНТЕРНЕТ

## ЗАХИРАҲОИ ИТТИЛООТӢ

Кулли ширкатҳои сайёҳӣ дар ҳоли ҳозир фаъолияти гуногунҷанбаи тиҷоратии худро тавассути шабакаи саросарии Интернет роҳандозӣ менамоянд. Мақсади асосии ин зуҳурот аз мақсаднок истифодабарии захираҳои иттиҳодиявии мавҷудаи молиявӣ, техникӣ, технологӣ, кадрӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра дар рушди устувори ширкати сайёҳӣ мебошад. Пеш аз ҳама самти соҳибкории сайёҳиро дар асоси захираҳои мавҷудаи ширкат ва вазъи муҳити атроф ба роҳ мондан муфид аст.



Таҳти мафҳуми *захираҳои иттилоотӣ* мувофиқи санадҳои қонунгузорӣ иттилооте дар назар дошта мешавад, ки он дар барандаҳои моддӣ ба қайд гирфта шудааст ва дар низомҳои иттилоотӣ (нармафзорҳои махсус, бойгониҳо, китобхонаҳо, фондҳо, бонки додаҳо ва ғайра) нигоҳ дошта мешавад. Захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, маъмулан дар ширкатҳои иттилоотӣ, марказхои иттилоотӣ ва иттиҳодияҳои иттилоотӣ таҳия гардида нигоҳ дошта мешаванд. Дар шароити имрӯза дар тамоми олам зиёда аз даҳҳо ҳазор ширкатҳои иттилоотии бузург ва миёна кор ва фаъолият доранд. Онҳо бо теъдоди аз ҳад зиёди пойгоҳҳои иттилоотӣ сару кор дошта бо тиҷорати электронӣ ва дигар намуди фаъолияти

иттилоотӣ машғуланд.

Хусусиятҳои ба бозори хизматрасониҳои иттилоотии ҷаҳонӣ хосро омилҳои зерин ташкил медиҳанд:

- муносибатҳои байни истеъмолкунандагон ва бозори иттилооти кории ҷаҳонӣ дар асоси омӯзиш ва мушоҳидаҳои мунтазами ширкатҳои иттилоотӣ рӯйи кор меояд. Истеъмолкунандагон бошанд аз рӯйи дархостҳо он иттилоотеро дастрас мекунанд, ки дар ҳоли ҳозир барои банақшагирӣ ва идоракунии фаврӣ дар фаъолият ба он ниёз доранд;

- ширкатҳои иттилоотӣ ба истеъмокунандагон дастрасиро ба иттилоот мувофиқи имконият ва дархост дар реҷаҳои алоқамандии бевоситаи on-line, дар реҷаи off-line, дар барандаҳои магнитӣ, дар шакли чопӣ ва тариқи машварат пешниҳод намуда метавонанд;

- бо ёрии шабакаҳои саросарии ҷаҳонӣ истеъмолкунандагон имконияти дастрасиро ба ҳисаҳои гуногуни захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ пайдо мекунанд, яъне захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ, фазои ягонаи иттилоотии ҷаҳониро ташкил мекунанд;

- ҳаҷми асосии иттилооти кориро ба истеъмолкунанда дар асоси шартнома пешниҳод менамоянд.

Афзоиши аз ҳад зиёд ва бефосила дар миқёси бозори захираҳои иттилоотии ҷаҳонӣ барои истеъмолкунандагон монеъаҳоро дар ҷустуҷӯи самараноки иттилооти зарурӣ эҷод менамоянд. Ба корбар на танҳо муҳим аст, ки иттилоот аз кадом манбаъ ва бо кадом қимат ба даст меояд, инчунин бо кадом технология ва дар кадом муҳлат дастрас шуданашро низ донистан зарур аст. Имконияти бевоситаи дастрасӣ ба пойгоҳи додаҳоро ба истемолкунандагон, дар асоси таъминот бо воситаҳои техникӣ (компютер ва хаттҳои дастрасӣ) ва воситаҳои барномавии низомҳои ҷустуҷӯи иттилоот амалӣ мегардад.

Ҷустуҷӯи низоми иттилоот дар асоси таснифи иттилоот ба роҳ монда мешавад.

**Саволҳо:**

1. Захираи иттилоотӣ чист?
2. Омилҳои бозори хизматрасониҳои иттилоотии ҷаҳонӣ хос кадоманд?